# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Қурбонов Абдуллоҷон Рузимадович ба диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзӯи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01-ботаника**

Омӯзиши гуногунии биологӣ ва бо мақсад дар истеҳсолот ба роҳ мондани маълумотҳои илмии омӯхташуда ва ба дастовардашуда дар замони муосир яке аз масъалаҳои муҳим дар тамоми сайёра ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин мавзӯи рисолаи номзадии Абдуғафури Сафар низ ба гуногунии таркиби намудии яке аз оилаҳои аҳаммиятноки Тоҷикистон – оилаи лабгулҳо дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бахшида шуда, ба ихтисоси 03.02.01 – ботаника пурра мувофиқат менамояд.

Намояндаҳои оилаи лабгулҳо дар фаъолияти ҳаётии аҳолӣ ва зиндагии онҳо саҳми назаррас дорад, чунки растаниҳои оилаи мазкурро ҳамчун растаниҳои доруворӣ, асаловар, ороишӣ, хӯроки чорво ва инчунин равғани эфири таркиби онҳоро дар соҳаҳои гуногун ба кор мебаранд. Бояд қайд кард, ки хусусан намудҳои авлодҳои *Mentha, Salvia, Nepeta, Ziziphora, Melissa, Origanum, Lamium, Hyssopus* ва ғайраҳо дар Тоҷикистон ва минтақаи омӯзишии мавзӯи мазкур васеъ паҳн шуда, дар тибби анъанавӣ истифода мешаванд.

Ба ақидаи рисоланавис то ҳол таҳқиқоти махсуси бисёрҷонибаи оилаи лабгулҳои таркиби флораи Тоҷикистон гузаронида нашудааст ва оид ба гуногуннамудӣ ва таҳлили фитосенологии оилаи мазкур дар Тоҷикистон маълумоти мушаххас дида намешавад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки доир ба мавзӯи мазкур маълумоти пурраи илмӣ мавҷуд набуда, маълумотҳо дар шакли мухтасар дар мақолаҳо ва адабиётҳои гуногуни илмӣ пароканда мебошанд. Дар алоқамандӣ бо ин гуфтаҳо мавзӯи рисолаи илмии Абдуғафури Сафар дар омӯзиши гуногуннамудии оилаи лабгулҳо дар қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор актуалӣ ва муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Унвонҷӯй барои ноил шудан ба мақсади тадқиқот дар пеши худ панҷ вазифа гузошта, ба ҳамаи онҳо дар рафти тадқиқот ба муваффақиятҳо соҳиб шудааст, ки дар матни диссертатсия инъикос гардидааст. Вазифаҳои гузошташуда бо қисмати нуктаҳои ҳимояшаванда ва хулосаи диссертатсия пурра мувофиқат мекунад.

Навгонии илмии корҳои таҳқиқотии унвонҷӯ дар он ифода мегардад, ки бори аввал гуногуннамудии таркиби оилаи лабгулҳои флораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор таҳлил ва муайян кардааст. Унвонҷӯй дар натиҷаи таҳқиқот муайян намудааст, ки дар минтақаи омӯзиш 74 намуд аз 33 авлоди оилаи лабгулҳо мерӯянд, аз ин миқдор 10

намуди онҳо эндемикӣ ва 2 намудаш ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид шудааст, ки ин маълумот минбаъд барои таҳияи монографияи лабгулони Тоҷикистон аҳамияти калони илмӣ дорад. Инчунин бори аввал минтақаҳои паҳншавии лабгулҳо дар таркиби типҳои набототи ҳудуди қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор муайян карда шуда, харитаҳо бо ҷойгиршавии намудҳои оила дар таркиби флораи Тоҷикистон тартиб дода шудааст. Дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бори аввал фитосенология ва сохтори сенопопулятсияҳои баъзе намояндаҳои оила –*Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum tyttanthum* Juz, *Nepeta catarica* Juz., *Salvia sclarea* L. Омӯхта шудааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 5 - боб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва якчанд замимаҳо иборат мебошад.

**Боби 1** ба шароити табиӣ ва ҷуғрофии қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бахшида шуда, дар он маълумот оид ба сохтори геологӣ, иқлим, гидрография, хокҳо ва навъҳои хок, инчунин шарҳи умумии набототи ноҳияи таҳқиқот кӯтоҳ ва пурмазмун оварда шудааст. Инчунин дар ин боб доир ба 5 дараи тадқиқотӣ (Қаратоғ, Алмосӣ, Варзоб, Лучоб ва Ромит) шароити табиӣ ва ҷуғрофӣ оварда шуда, миқдори намудҳои оилаи лабгулҳо дар алоҳидагӣ нишон дода шудааст.

**Боби 2** ба таърихи омӯзиши лабгулҳо - Lamiaceae Mart. Juss. ва гуногунии лабгулҳои минтақаи омӯзишии унвонҷӯ бахшида шудааст. Дар қисми аввали боб доири хусусиятҳои морфологию ботаникии оилаи лабгулҳо маълумот оварда шуда, олимоне, ки дар ин самт то ин замон кору фаъолият намудаанд, шарҳ дода шудааст. Инчунин унвонҷӯ оиларо ба зероилаҳо ва авлод тасниф намуда, гуногунии намудҳои оилаи лабгулони минтақаи тадқиқотӣ дар сатҳи авлод ва намуд нишон дода шудааст. Муаллиф дар ин қисмат доири ҳар як авлод ва намудҳое, ки дар Тоҷикистон ва қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор вомехӯранд, маълумоти мухтасари морфо-ботаникӣ ва биологӣ овардааст. Ҳамчунин, дар ин боб ареали умумии паҳншавии ҳар як намуд нишон дода шудааст, ки дар ҷодаи илм ин маълумот бисёр муҳим мебошад. Дар илова ба ин паҳншавии намудҳо дар водиву дараҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор оварда шуда, расмҳои рангаи намудҳо дар ин боб инъикос гардидааст, ки барои шинохтани растанӣ аз намуди зоҳирӣ аҳаммиятнок мебошад.

**Боби 3** қисми асосии диссертатсия буда, ба тавсиф ва хусусиятҳои фитосенологии намудҳои оилаи лабгулҳо дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бахшида шудааст. Дар ин қисмати диссертатсия муаллиф ба таҳлили систематикӣ, экологӣ, муқоисавӣ, шакли ҳаётии намудҳои оилаи лабгулҳо бо пешниҳод намудани ҷадвалҳои махсус ва замимаҳо диссертатсияро асоснок намудааст. Дар ин боб 74 намуди лабгулҳоро ба 5 гурӯҳи экологӣ – ксерофитҳо (13 намуд), мезофитҳо (50

намуд), гигрофитҳо (2 намуд), мезоксерофитҳо (6 намуд) ва ксеромезофитҳо (3 намуд) ҷудо намуда, нишон додааст, ки аз ҳама гурӯҳи калонро мезофитҳо ташкил дода, 50 намуди минтақаи тадқиқотиро дар бар мегиранд. Инчунин таҳлили систематикӣ гузаронида, авлодҳои *Eremostachys* (8 намуд), *Scutellaria* (7 намуд), *Nepeta* (7 намуд) ва *Salvia* (6 намуд)-ро калонтарин авлодҳои лабгулони қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ҳисоб намуда, онҳоро бо лабгулони қаторкӯҳҳои Қаротегин ва Бадахшон муқоиса намудааст. Дар ин боб шакли ҳаётии растаниҳоро низ оварда, муайян намудааст, ки растаниҳои бисёрсолаи алафӣ 56 намуд, буттаю нимбуттачаҳо 8 намуд, растаниҳои яксола 10 намудро ташкил медиҳанд.

Дар охири ин боб доир ба паҳнашавии намудҳои оилаи мазкур дар таркиби типҳои набототи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ва тавсифи фитосенологии намудҳое, ки форматсия ба вуҷуд меоранд маълумот додааст. Аз ҷумла доир ба 8 намуди лабгулоне, ки дар минтақаи омӯзишӣ форматсия ташкил менамоянд, маълумоти дақиқ овардааст.

**Дар боби 4** рисоланавис оид ба дурнамои истифодаи захираҳои намояндаҳои оилаи лабгулҳо ва ҳифзи онҳо маълумот пешниҳод намудааст.

Вобаста ба аҳаммияти хоҷагӣ ва истифодаи намудҳои оила дар хоҷагии халқ, саноати хӯрокворӣ, дорусозӣ 74 намуд лабгулҳое, ки дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мерӯянд, ба 7 гурӯх ҷудо карда, онҳоро бо миқдори намудҳо нишон додааст, аз ҷумла растаниҳои равғани эфирӣ (30 намуд), доруворӣ (21 намуд), асаловар (14 намуд), ороишӣ (5-намуд) ва хӯроки чорво (25 намуд)-ро ташкил медиҳанд. Дар ин боб доир ба тарзи истифодаи растаниҳо дар тибби халқӣ ва илмӣ ва роҳҳои ҳифзи гуногунии лабгулҳо маълумот овардааст.

Дар Тоҷикистон мардуми маҳаллӣ хусусиятҳои нафъовари растаниҳои худрӯйро дар хоҷагӣ ба таври васеъ истифода мебаранд. Аз рӯйи хусусиятҳои истифодабарӣ онҳоро ба гурӯҳҳои растаниҳои доругӣ, ғизоӣ, хӯроки чорво ва техникӣ ҷудо мекунанд. Аз қадимулайём мардум барои муолиҷаи бемориҳои гуногун растаниҳои алоҳидаро истифода мебурданд.

**Дар боби 5-ум** муаллиф аз натиҷаҳои тадқиқоти худ доири ҳар як боби рисолаи мазкур маълумот дода, ишора намудааст, ки дар натиҷаи тадқиқот маълум гардид, ки аз 48 намуди эндемикии оила, 10 намудашро растаниҳои лабгулони минтақаи омӯзишӣ ташкил менамоянд.

Натиҷаҳои асосии илмии пешниҳоднамудаи унвонҷӯй дар асоси таҳлили амиқи маводи таҷрибавӣ ҳосил карда шудаанд. Асоснокии онҳо бо воситаи коркарди омории маълумотҳо аз ҷониби унвонҷӯ тасдиқ мегарданд. Тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифи диссертатсия барои ҳифзи олами набототи ва барқарор намудани намудҳои нодири растаниҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо қобили қабул аст.

Мазмуни диссертатсия аз қобилияти мустақилона гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, хуб таҳлил намудани натиҷаҳои ба дастомада, аз хулосаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ шаҳодат медиҳанд.

Асоси маводҳои таҳқиқотии муаллифро 8 корҳои чопӣ, аз ҷумла 6 - мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ маърӯза карда шудаанд.

Мазмуни автореферат ба маводҳои илмии дар диссертатсия овардашуда пурра мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмии Абдуғафури С. дар маҷмӯъ мусбӣ баҳо дода, камбудиҳое, ки асосан хусусияти таҳрирӣ, имлоӣ ва техникӣ доранд, бояд қайд кард:

1. Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ҷой доранд. Мисол, дар номгӯи растаниҳо бо забони лотинӣ низ хатогиҳо дида мешавад, мисол зуфои майдагул – *Nepeta* ***tutthantha*** бо ду шакл навишта шудааст, дар саҳ. 5 (дигар шакл), дар саҳ. 110, 163, 167, 172 ва 177 бо дигар шакл (*Nepeta* ***tytthantha***). Инчунин дар номи мухтасаркардашудаи муаллифони намуд нуқта гузошта нашудааст, мисол саҳ. 43.44 ва ғ. (**B.Fedtsch**) бояд нуқта (**B.Fedtsch.**) гузошта шавад.
2. Дар боби 2-юм рисоланавис тибқи нишондоди нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бояд доири 33 авлод ва 74 намуди оилаи тадқиқшаванда маълумот медод, лекин дар рисола доири 38 авлод маълумот дода шудааст. Аз ин ҷиҳат матни рисола бо омори он мувофиқат намекунад.
3. Инчунин дар боби 2, дар маълумоти авлоди зуфо (*Nepeta*) миқдори намудҳо 8 намуд нишон дода шудааст, лекин ҳангоми маълумот доири намудҳо танҳо 4-намуди авлод оварда шудааст. Ба ҳамин монанд дар авлоди эремостахис оварда шудааст, ки 6 намуди авлод дар минтақаи тадқиқотӣ дида мешавад, аммо дар матн ва ҷадвалҳо баръакс зиёд, яъне 8 намуди онҳо нишон дода шудааст.
4. Дар боби 4-ум, зербоби 4.2. (ҳифзи гуногуннамудии лабгулҳо) ишора шудааст, ки 10 намуди лабгулҳо эндемики қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мебошанд, аммо номи 6-намуди растанӣ оварда шудааст. Инчунин аз ду намуди ба Китоби Сурхи Тоҷикистон ворид шуда, як намудаш аз минтақаи тадқиқотӣ буда, намуди дуюм яъне (*Salvia insignis*) дар маълумоти авлоди мармарак ва ҷадвали 3.1.1. ва дигар замимаҳо низ нишон дода нашудааст.
5. Диссертант дар методи иҷроиши кор мухтасар маълумот дода, ишора намудааст, ки дар асоси китобҳои муайянкунанда гербарияҳои ҷамъ намудаи худро муайян намудааст, лекин дар руйхати адабиётҳо танҳо як адабиёт оварда шудааст, инчунин аз китоби “Определитель растений Средней Азии” ва дигар муайянкунандаҳои имрӯза низ истифода намудан мумкин буд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои нишондодашуда арзиши илмии рисолаи номзадии Абдуғафури Сафарро паст намекунанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзӯи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01-ботаника кори илмӣ-таҳқиқотии пурра анҷомёфта мебошад.

Кори илмӣ аз ҷиҳати навгонӣ, муҳимият ва муосир будан ба ҳама талаботҳои барои рисолаи номзадии аз тарафи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯроҳои диссертатсионии аз ҷониби КОА-и назди Президенти ҶТ муқарраргардида, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи диссертатсия Абдуғафури Сафар барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01-ботаника сазовор мебошад.

**Номзади илмҳои биологӣ, дотсенти**
**кафедраи ботаникаи Донишгоҳи**
**давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ,**
**Ихтисос: 03.02.01-ботаника** **Қурбонов А.Р.**

Суроға:, 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Телефон: (+992) 934 61 22 23
E-mail: pangaz0203@bk.ru

**Имзои н.и.б., дотсент Қурбонов А.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори ШК ва КМ-и**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Мустафозода А.**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

18.05.2024 с